**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика, дотсент
______________ Наҷмиддиниён А.М.
«8» ноябри соли 2023

# ХУЛОСАИ

шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Пачаева Муҳаё Пулатовна 16-уми феврали соли 1980 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Соли 2016 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст. (диплом ДТО №0195868).

Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2007 дар кӯдакистони №93-и шаҳри Душанбе огоз намудаст. Солҳои 2022-2023 дар кӯдакистони №50-и назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Аз соли 2023 ба ҳайси равоншиноси хонаи кӯдакони №1 барои кӯдакони ятиму бепарпстори шаҳри Душанбе ифои вазифа намуда, соли 2024 ҳамчун равоншиноси кӯдакистони №119 кору фаъолият дорад.

Дар давоми солҳои 2020-2023 Пачаева Муҳаё Пулатовна ба сифати унвонҷӯи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти илмӣ намудааст.

Имтиҳони номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Тарих ва фалсафаи илм –“ 4”(хуб) –18.05.2021
- Забони хориҷи (англисӣ) –“4”(хуб) - 23.11.2021.
- Ихтисос: 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) –“5” (аъло) – 20.05.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №778 аз 20.09.2023 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Табаров Н.С. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа

Диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи томактабии муосир – ташкили шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ равона шудааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Раҳимзода Хуррам – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Хоҷаев Қурбон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Бобоева М.Р. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулоса пешниҳод намуданд.

Дар баромади худ Пачаева Муҳаё Пулатовна дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда, қайд намуд, ки инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа арзёбӣ мегардад. Зеро, ин масъала то кунун дар илми педагогикаи муосир ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, барномаҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон асосан ба ташаккули маҳорату қобилиятҳои кӯдакон нигаронида шудаанд, ки ин ҳолат хислати маҳдуди дидактикӣ дошта, инкишофи эҷодии онҳоро ба пуррагӣ инъикос намекунад. Ин раванд ба таври стихиявӣ ва бенизом сурат мегирад.

Дар рӯзгори кунуни барои ҷомеа ва қонеъ намудани талаботи он наврасонеро ба камол расонидан зарур аст, ки фавқулода, яъне эҷодкорона андеша карданро дар ҳолатҳои гуногун доро бошанд. Ҳарчанд ин масъала дар шароити кунунӣ, то андозае роҳи ҳаллӣ худро

ёфта бошад ҳам, вале баъзан омилҳо ва ҳолатҳое пайдо мегарданд, ки ба ин раванд монеаҳо эҷод мекунанд. Аксар вақт кӯдакон дар раванди фаъолияти тасвирӣ маълумотро дар асоси усулҳои маъмулии анъанавии ҳалли вазифаҳо дар хотир нигоҳ доштаро такрор мекунанд. Ба кӯдакон пеш аз ҳама, заминаҳои эҷодгариро омӯхтан зарур аст, то ки ба эҷодкорӣ шуғлу меҳру шавқ пайдо намоянд. Такрори якрангаи амалҳо ҳолати хастагиро оварда, шавқу завқи омӯзиш ва равандҳои эҷодиро пахш мекунад. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни таълиму тарбия аз усулҳои инноватсионии педагогӣ истифода намудан самаранокии фаъолиятро таъмин мекунад. Озодии комили кӯдакон дар фаъолияти тасвирӣ бо сарварии педагог таҳти ҳидояти волидайн усули нави таълим ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, то онҳо аз тахайюл ва эҷоди худ истифода намуда, раванди педагогиро тарҳи дигар бахшанд. Мафҳуми «эҷодкории кӯдакон» чунин мафҳумҳоро ба монанди: «дарки ашё», «тахайюл», «амали эҷодӣ» ва амсоли инҳоро дар бар мегирад, ки бо ҳам алоқаманд буда, моҳияти эҷодии онҳоро муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки қарору қонунҳо, стратегияву барномаҳои қабулшуда муҳиммияти таълиму тарбияро инъикос кунанд ҳам, вале роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ мушаххасан ошкор намесозанд. Аз ин лиҳоз, дар шароити кунунӣ омухтан ва муайян кардани нақши фаъолияти тасвирӣ дар инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ аз манфиат холӣ набуда, баҳри боз ҳам беҳтару хубтар тарбия кардани онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

Фаъолияти тасвирӣ шароити мусоид барои рушди сифатҳои зебоипарастӣ, дарки эҳсосоти мусбии санъат ва ба пайдоиши муносибатҳои зебоиписандӣ замина фароҳам меорад.

Нишон додани хосиятҳои ашё дар тасвир ба ташаккули ҳисси шакл, ранг ва андоза, ки ҷузъиёти сифатҳои зебоипарастӣ мебошанд, шароит фароҳам меоваранд.

Тарбияи зебоипарастии шахс ба қобилиятҳои табиии инкишофёфта, идрок, таҷриба, эҳсосот, тасаввурот, тафаккур ва эҷодӣ асос мeёбад. Ва дар ин асос фардияти эҷодкор ба вуҷуд омада, муносибати зебоипарастии вай ба санъат, ба худ, рафтор, гуфтор, табиат ва меҳнат қабои дигар мегирад.

Дар раванди машғулиятҳои тасвирӣ дар кӯдакон тасаввурот инкишоф ёфта, дар натиҷа эҷоди онҳо пурмазмун ва самарабахш мегарданд. Кӯдакон дар асоси он чизе, ки бевосита дарк кардаанд,

тасвир ва эҷод мекунанд. Онҳо аз тахайюл истифода намуда, образҳои нав меофаранд. Масалан, кӯдакон ҳеҷ гоҳ парандаи афсонавиро надидаанд, аммо дар ҳаёти атрофи худ паррандагони гуногунро мебинанд. Дар синни томактабӣ ҳангоме, ки омӯзгор ба кӯдакон дар бораи паррандаи афсонавӣ ҳикоя мехонад, онҳо ин таассуротро дар худ ҳифз дошта, онро дар раванди тасвири бо истифода аз тахайюл рӯи қоғаз эҷод мекунанд. Хусусияти фаъолияти тасвирӣ маҳз дар ҳамин гуна лаҳзаҳо муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки ҳар як кӯдак тахайюли образнокии худро доро мебошад ва онҳо дар тасвир паррандаи афсонавии худро эҷод мекунанд. Ба ин васила, дар кӯдакон шавқу рағбати бадеӣ ва эҷодӣ инкишоф ёфта, онҳо мехоҳанд чизи зебо, ҷолибу диданӣ тасвир созанд. Дарк ва фаҳмиши асарҳои бадеӣ, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, меъморӣ ва осори санъати ороишии халқӣ барои кӯдакон заминаи мусоид фароҳам оварда, тафаккуру тахайюли онҳоро ғанӣ мегардонанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсия** - Ошкор намудан ва коркарди илмии асосҳои назариявии шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси барномаи таҳиягардидаи педагогӣ ба ҳисоб рафта вазифаи асосии таҳқиқот аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

1. Таҳлили ақидаҳои педагогию психологии илми муосир ва таҷрибаи пешқадам дар бораи табиати эҷодкорӣ, нерӯи эҷодӣ ва дарку эҳсосоти кӯдакони синни томактабӣ.

2. Муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

3. Собит намудани раванди педагогӣ – психологии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ зимни фаъолияти тасвирӣ.

4. Мавриди таҳлилу такмил қарор додани фаъолияти тасвирӣ-ҳамчун воситаи муҳими инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ.

5. Муайян ва мушаххас намудани шароитҳо ва муҳити педагогӣ-психологии,имконияти фароҳам овардан,барои инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

6. Ошкор сохтани меъёр ва нишондодҳои босамари инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

7. Коркард намудани барномаи педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

8. Гузаронидани озмоишҳо барои муайян намудани инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқотро диссертант ба шакли зайл пешниҳод намудааст:**

Дар ташкили фаъолияти тасвирӣ омилҳои асосии педагогии баланд бардоштани фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти инкишофи эҷодии кӯдакон ошкор карда шудааст.

- мафҳуми «инкишофи эҷодкорӣ дар фаъолияти тасвирӣ» мушаххас карда шуда, шароитҳои педагогию равонии рушди он дар синни томактабӣ муайян гардидааст;

- муайян ва мушаххас гардидааст, ки омилҳои асосии педагогиву равонии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ бедор намудани шавқу завқ ва рағбат буда, аз тарафи дигар дастгирӣ ва ҷонибдории калонсолон бо мақсади бартараф кардани ҳолатҳои эҳсосӣ ва аксуламалҳои онҳо, фароҳам овардани фазои мусоид барои зуҳури эҳсосот ва рафъи ҳолатҳои ҳаётан муҳим мебошанд;

- дар ҷараёни инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ ва роҳандозии барномаи педагогӣ барои мукаммал гардонидани раванди эҷодӣ тадбирҳо андешида шуданд;

- барои бедор намудани қобилияти эҷодии мусаввирии кӯдакони кӯдакистонҳо метавон аз барномаҳои махсуси телевизионӣ оид ба нақшофаринӣ ва тасвир истифода намуд. Тавассути шабакаи кӯдаконаи телевизонии “Баҳористон” шавқу ҳаваси кӯдакону наврасонро эҳё бояд кард. Бидуни ин барои кашидани расм маводҳо ва ашёи одии ҳаётиро манзури кӯдакон бояд намуд;

- инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар асоси корҳои озмоиши ва натиҷаҳои ба даст омада аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудаанд;

- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмиши назариявии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ вусъат медиҳанд;

- дар асоси қиёси меъёр ва нишондодҳои таҳқиқот муҳаққиқ имконият пайдо намудааст, ки ба сатҳи самаранокии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ баҳогузорӣ карда шавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият)

13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла: ба банди 1 – Назарият, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар он аст, ки тавре, ки омӯзишҳои адабиёт ва манбаъҳои боэътимод нишон медиҳанд, мавзуи инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ба имрӯз ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ масъалаи матраҳшавандаро мавриди озмоиш қарор дода, дар ин самт ба муваффақиятҳои шоиста ноил гардидааст.

Диссертант тавонистааст, раванди инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти тасвирӣ бо хулосаҳо, таҳлилҳо ва натиҷаҳо намоён инъикос намояд. Ӯ иброз медорад, ки машғулиятҳои тасвирӣ фаъолияти минбаъдаи кӯдаконро ба танзим даровarда, тахайюл, ҳолати равонӣ, эҳсосӣ ва эҷодии онҳоро тақвият мебахшад.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Раҳимзода Хуррам – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Хоҷаев Қурбон - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Бобоева М.Р. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори

илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис аз омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) кори илмии мустақилона баанҷомрасида буда, дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегирад.

[1-М] Пачаева М.П. Таҳлил ва таснифи мафҳуми эҷодиёти тасвирии кӯдакони синни томактабӣ //Паёми ДМТ. - №5. –Душанбе. 2023.- С.244-251.

[2-М] Пачаева М.П. Моҳият ва хусусиятҳои эҷодиёти кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ //Паёми ДМТ. - №6. –Душанбе, 2023. - С.264-271.

[3-М] Пачаева М.П. Фаъолияти тасвирӣ дар рушди эҷодии кӯдакони синни томактабӣ // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №2(47). – Душанбе. 2023. – С.54-60.

[4-М] Табаров Н.С., Пачаева М.П. Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - №3(48). –Душанбе. 2023. – С.97-103.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» кори илмии мустақилона баанҷом расида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсионии илмии Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 8-уми ноябри соли 2023 суратҷаласаи №09 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 10 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 10 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт,
барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Бобоева М.Р.

Котиби ҷаласа Назриева Ф.А.

Имзоҳои Бобоева М.Р ва Назриева Ф.А.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ПРМ АТТ Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2. Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.
Тел.: +992 37 227-46-00; Факс: +992 37 225-45-25;
Сомона: www.prmatt.tj; E-mail: prmatt@maorif.tj